# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» вобаста ба қабули диссертатсияи номзадии Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ))**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) аз 11-уми июли соли 2026 протоколи №1 дар ҳайати зерин интихоб карда шуданд:

1. **Шерматов Дусназар Саидович** – узви шуро, доктори илмҳои физика-математика аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ), профессор - раиси комиссия.

2. **Мавлонназаров Силмон Силтоназарович** – узви шуро, номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10.3. – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ), дотсент – узви комиссия;

3. **Гулманов Усман Рустамович –** номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02. - Назария ва методикаи таълими фанҳои дақиқ (информатика, таҳсилоти умумӣ) – узви комиссия.

Комиссия таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Зебонисо Рустамро омӯхта, чунин меҳисобад, ки он таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ-тахассусӣ буда, ба татбиқи панҷсолаи рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсияҳо (солҳои 2025-2030) ва бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва

риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040) бахшида шуда, мақсади он аз муайянсозии хусусиятҳои истифодаи ТИК ва технологияҳои рақамӣ дар омода намудани мутахассисони низоми таҳсилоти кредитӣ, ки мустақилона дар фаъолияти омӯзгорӣ аз воситаҳои технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври кофӣ ва зарурӣ истифода бурда метавонанд, иборат мебошад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бо сабаби воридшавии низоми кредитии таҳсилот дар МТОК методикаи нави истифодаи ТИК ба миён меояд. Ин навгонӣ дар назди омӯзгорони информатика (технологияи информатсионӣ) зарурати омӯзиши асосҳои татбиқи ТИК дар таълими омӯзгорони оянда таҳсилоти мазкурро ба миён меоварад, зеро асосҳои татбиқи ТИК дар таълим аз тарафи омӯзгорони информатика таълим дода мешавад.

Ба воситаи диссертатсияи мазкур мушкилоти методҳои татбиқи ТИК дар таълими омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитӣ ошкор ва роҳҳои ҳали ин мушкилот баррасӣ ва асосноку пешниҳод карда мешавад.

Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки оид ба методҳои татбиқи ТИК дар таълими кредитӣ эҷод намудаанд, ташкил медиҳанд. Ба воситаи диссертатсия дар асоси пешниҳоди методҳои нави арзёбии натиҷаи таълим, методҳои нави таълими технологияи информатсионӣ пешниҳод карда шуда, инчунин барои нишон додани самаранокӣ аз методҳои мазкур дар шароити низоми таҳсилоти кредитӣ дар таҷрибаҳои омӯзгорӣ муқоисаи таълими кредитӣ ва анъанавӣ гузаронида шудааст.

Дар натиҷаи омӯзиш, таҳлили асосҳои илмӣ-назариявии маводи таҳқиқотӣ ва таҷрибаҳои омӯзгорӣ муаллиф имконият пайдо намудааст, ки вазъи муосири низоми мавҷудаи таҳсилоти кредитӣ ва ҳолатҳои татбиқи ТИК дар таълимро баҳо дода, мавқеи методҳои таълими кредитӣ, аҳамияти истифодаи ТИК дар таълими кредитӣ ва дар таълими информатикаро баррасӣ намояд ва самараноки ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз ТИК-ро дар алоқа бо вазифаҳои гузошташуда бо методҳои таҳқиқот мавриди санҷиши

таҷрибавӣ қарор диҳад. Инчунин диссертант дар иҷрои корҳои таҷрибавӣ бартарияти методи ҳамкории таълимиро, ки ба истифодаи ТИК асос ёфтааст, собит месозад ва методҳои нави арзёбии натиҷаи таълими кредитиро пешниҳод менамояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба соҳаи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) мувофиқ буда, ба самти ихтисоси шурои диссертатсионӣ низ мутобиқ аст.

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)): банди 13. Назария, методика ва амалияи информатикунонии таълим дар муассисаҳои таълимии миёнаи касбӣ ва олии касбӣ; банди 20. Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз информатика мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи информатикунонӣ ва навгонии таълими ватанӣ; банди 21. Назария ва методикаи истифодаи аёнияти техникии таълим дар соҳаҳои гуногуни дониш ва дар зинаҳои мухталифи таълим; банди 27. Назария ва амалияи коркарди муҳити иттилоотӣ дар идоракунии раванди таълим дар асоси технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ; банди 28. Асосҳои назариявию методологии коркард ва истифодаи таъмини илмӣ-методии системаҳои таълими педагогӣ, ки имкониятҳои иттилоотию коммуникатсиониро амалӣ мегардонад; банди 30. Таҳлили оқибатҳои мусбату манфӣ (дар мазмуни таълим) дар истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими фанҳо дар зинаҳои гуногуни таълим; банди 37. Омодасозии кадрҳои педагогӣ дар соҳаи информатикунонии таълим.

Дар умум, бояд қайд намуд, ки муаллиф Изатуллозода Зебонисо Рустам ҳадафҳои гузошташудаи диссертатсияро ба пуррагӣ ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснок карда шудаанд, мундариҷаи диссертатсия мутобиқи назарияи мантиқӣ ба шакл даровaрда шудааст. Аз ин мебарояд, ки таҳқиқотчӣ қобилияти хуби таҳқиқотӣ дорад. Натиҷаҳои илмии

рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика ва методикаи таълими технологияи информатсионӣ барои омода намудани мутахассисини низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муайян дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 17 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-ададашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 1-ададро васоити методӣ, 10-адади дигарашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

Миқдор ва сифати мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банашррасидаи довталаб ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва меъёрҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори хукумати ҶТ аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295) пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳадафи асосии таҳқиқоти** диссертатсионӣ аз асосноккунии илмию назариявии методҳои татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими информатика дар шароити низоми таҳсилоти кредитии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** ба даст овардашударо талаботҳои нисбати омӯзгорони информатика пешниҳодгардида таъмин менамояд: ба инобатгирии нақши ТИК дар баланд бардоштани сифати таълими таҳсилоти кредитӣ; таҳлили асосҳои методии ҷараёни таълим дар чаҳорчӯбаи истифода аз ТИК; татбиқи методи ҳамкорӣ дар таълими инфоратика, ки ба истифодаи ТИК асос ёфтааст; ташкили муҳити иттилоотии таълим барои омӯзгорон ва ҳам барои донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитӣ; омӯзиш ва татбиқи методҳои нави арзёбии натиҷаи таълими кредитӣ.

### Натиҷаи умумии экспертизаи комиссияи экспертӣ

1. Диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар

раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» мутобиқ ба талаботи банди 53-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба диссертатсия Изатуллозода Зебонисо Рустам баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ ва мустақилона анҷомёфта буда, ба масъалаҳои зарурияти татбиқи технологияҳои нави арзёбии натиҷаи таълими донишҷӯёни низоми таҳсилоти кредитӣ ва методи нави таълими информатика дар МТОК бахшида шудааст.

3. Дар диссертатсия пешниҳоду хулосаҳои илмии асоснок ва боэътимод коркард шудаанд, ки онҳоро дар такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Изатуллозода Зебонисо Рустам истифодаи мавод бе нишон додани манбаъи истифодашуда мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267 ва бо тағйиру илова аз 26.06.2023, №295 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, таҳти №267) мувофиқат

мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона омода шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустамро дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) баррасӣ намуда, дар асоси бандҳои 57-60-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) қарор менамояд:

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Изатуллозода Зебонисо Рустам дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-методии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди омода намудани омӯзгорони низоми таҳсилоти кредитии МТОК» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Пешниҳод мегардад, ки муассисаи пешбари диссертатсия **Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** таъин карда шавад.

3. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Назаров Аахтам Пулотович**, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**– Ғаффорзода Зафар Бобобек –** доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D01.11.00.02. – Назария ва методикаи таълими информатика, муаллими калони кафедраи технологияи иттилоотии ДБССТ;

4. Пешниҳод мегардад, ки ба нашру панҳкунии автореферат ва инчунин барои дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав гузоштани эълон оид ба ҳимоя ва гузоштани матни диссертатсия ва автореферат иҷозат дода шавад.

5. Пешниҳод мегардад, ки барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физика-математика,
профессор Шерматов Д.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Мавлоназаров С.С.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Гулманов У.Р.

*Имзоҳои д.и.ф-м., профессор* Шерматов Д.С., *н.и.п., дотсент Мавлонназаров С.С. ва н.и.п., дотсент Гулманов У.Р.-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Н. Хусрав Исҳоқзода М.М.